**ТАҚРИЗИ**
**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзӯи "Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ**

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, мавзӯи ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои техникӣ ва дақиқ, махсусан информатика, аҳамияти махсус пайдо кардааст. Бе ҳавасмандӣ ва ташаккули малакаҳои таҳлиливу эҷодӣ, омодагии касбии хатмкунандагон ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нахоҳад буд. Аз ин рӯ, таҳқиқи пешниҳодшуда на танҳо ҳамчун як масъалаи назариявӣ, балки ҳамчун ҷавоб ба як мушкили муҳими иҷтимоӣ арзишманд аст.

Диссертатсияе, ки Ғафоров Зафар Бобобекович пешниҳод кардааст, як таҳқиқоти амиқ ва комплексиро дар бар мегирад, ки ба ҳалли масъалаи муҳими таълими фанни информатика дар мактабҳои олӣ равона шудааст. Мавзӯи интихобшуда на танҳо бо назардошти талаботи бозори меҳнат аҳамият дорад, балки ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ дорад, ки барои рушди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ муҳим аст. Муаллиф мавзӯъро бо диққати махсус интихоб намуда, асоснокии илмии онро бо таҳқиқи ҷанбаи назариявии ҳавасмандӣ, таъсири усулҳои таълимӣ ба натиҷаҳои таълим ва истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим нишон додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаҳо, номгӯйи адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Ин сохтор мантиқӣ буда, ҳар як боб дар асоси ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот таҳия шудааст. Дар муқаддима, муаллиф асоснокии мавзӯъ, аҳамияти он ва масъалаҳои асосии таҳқиқотро ба таври возеҳ нишон медиҳад. Дар ин бахш ҳадафи таҳқиқот, вазифаҳо, навгонӣ ва аҳамияти илмӣ ва амалӣ, инчунин методологияи истифодашуда муайян шудаанд.

Дар боби якум мафҳуми ҳавасмандӣ ва ҳавасмандгардонӣ бо такя ба адабиёти муосир шарҳ дода шуда, аҳамияти онҳо дар раванди таълим нишон дода шудааст. Усулҳои таълими мушкилгаро-инкишофӣ бо мисолҳои мушаххас баррасӣ гардида, таъсири онҳо ба рушди малакаҳои фикрӣ ва ҳавасмандии донишҷӯён мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамзамон, вазъи муосири таълими информатика ва барномасозӣ дар мактабҳои олӣ таҳлил шуда, мушкилоти мавҷуда ва имкониятҳо баррасӣ гардидаанд. Илова бар ин, системаи усулҳои мушкилгаро ҳамчун заминаи методологӣ бо таҳлили амиқ асоснок гардида, таъсири он ба эҷоди ҳавасмандии донишҷӯён дар омӯзиши фанҳои информатика нишон дода шудааст.Дар охир, хулосаҳои боби якум равиши муаллифро ба таҳқиқот асоснок намуда, ҷанбаҳои асосии назариявиро ҷамъбаст мекунанд.

Дар боби дуюм диққати асосӣ ба ҷанбаҳои амалӣ равона гардида, самаранокии супоришҳои барномасозӣ барои эҷоди ҳавасмандӣ дар омӯзиши информатика таҳлил шудааст. Дар Қисми 2.1 супоришҳои мушкилгаро таҳия ва санҷида шуда, нишон дода шудааст, ки онҳо на танҳо барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ, балки барои ташаккули малакаҳои амалӣ низ самаранок мебошанд. Қисми 2.2 моделсозии компютерии ҳаракати мошин дар забони барномасозии C++-ро ҳамчун намунаи амалӣ пешниҳод мекунад, ки омӯзишро шавқовар ва дарки равандҳои мураккаби моделсозиро осон месозад. Қисми 2.3 усулҳои ҳавасмандкунӣ тавассути мултимедияро дар забонҳои барномасозӣ баррасӣ намуда, нақши омӯзиши интерактивиро таъкид мекунад. Қисми 2.4 сохтани бозиҳои дидактикиро ҳамчун яке аз роҳҳои самараноки ҳавасмандгардонӣ пешниҳод менамояд, ки ба ташаккули малакаҳои эҷодӣ ва амалӣ мусоидат мекунад.

Боби сеюми кори диссертатсионӣ ба самаранокии бозиҳои дидактикӣ ва таҳлили озмоишҳои педагогӣ бахшида шудааст.

Дар фасли якуми боби сеюм сохтани бозиҳои дидактикӣ бо истифода аз забонҳои барномасозӣ ҳамчун яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба омӯзиши информатика баррасӣ гардидааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм таҳлили самаранокии супоришҳои эҷодшуда дар доираи системаи усулҳои таълими мушкилгаро-инкишофӣ барои инкишофи хавасмандгардонӣ оварда шудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкурро метавон ба таври зайл хулоса намуд:

1. Аз таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ хулоса гардидааст, ки мафҳуми ҳавасмандгардонӣ дар омӯзиши фанни информатика бо истифода аз супоришҳои барномасозӣ як воситаи калидӣ ва муассир барои баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён маҳсуб мешавад.
2. Дар таҳқиқот заминаи асосии эҷоди ҳавасмандӣ ба омӯзиши информатика тавассути усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ асоснок карда шудааст, ки ин ба рушди фикрронии танқидӣ ва малакаҳои амалӣ дар донишҷӯён мусоидат менамояд.
3. Дар доираи системаи усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ супоришҳои мушаххаси барномасозӣ таҳия гардидаанд, ки ин усулҳо имконият медиҳанд, то донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои амалӣ ва назариявӣ фаъолона ширкат варзанд.
4. Бо истифода аз мисоли амсиласозии компютерии ҳаракати мошин дар забони барномасозии C++, инчунин истифодаи технологияи мултимедӣ ва бозиҳои дидактикӣ заминаҳои нави омӯзиши интерактивӣ барои ҳавасмандгардонии донишҷӯён пешниҳод гардидааст, ки омӯзиши барномасозиро на танҳо самаранок, балки шавқовар мегардонад.
5. Системаи усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, тавсияҳои амалӣ ва самарабахш барои баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён дар омӯзиши фанҳои информатика ва

барномасозӣ пешниҳод шудаанд, ки метавонанд дар фаъолияти педагогӣ истифода шаванд.

Таҳқиқот аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он на танҳо заминаи назариявӣ, балки роҳнамои амалӣ барои омӯзгорон ва таҳиягарони барномаҳои таълимии информатика ва барномасозиро таъмин менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионии Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи «Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён» бо муқаррароти Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ мебошад ва барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**

**доктори илмҳои физикаю**
**математика, профессори кафедраи**
**моделсозии математикӣ ва компютерии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**«__06__»____01______соли 2025** **Одинаев Р.Н.**

**Суроға: Индекс, 734025,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.**
**Телефон:**(+992) 919-23-02-50
**Email:**raim_odinaev@mail.ru

**Имзои Р.Н. Одинаевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**Суроға: Индекс, 734025,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.**
**Телефон:**(+992 37) 221-62- 25; (+992 37) 227 - 15 - 10;
**Факс**:(+992-37) 227-15-10
**E-mail:** info@tnu.tj